№10444/7.1 аз 20.12.2013

**Мақомоти ҳудудии андоз**

**Шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ**

“Оид ба қатъ намудани фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ”

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиати ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (ғайритиҷоратӣ), намояндагиҳои дипломатию консулӣ ва намояндагиҳои ба онҳо баробаркардашударо ба инобат гирифта, дастури зеринро барои корбарӣ пешниҳод менамояд.

Бақайдгирии давлатии ташкилотҳои қайдгардида мутобиқ ба талаботи қисми 3 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” аз 19.05.2009, №508 бинобар сабаби ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул нашуданашон дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

Ин ташкилотҳо бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ таъсис дода нашуда, танҳо бо мақсадҳои ҳисобу пардохти андози даромад ва андози иҷтимоӣ мутобиқи моддаҳои 25 ва 26 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистгн барои гирифтани рақами мушаххаси андозсупоранда дар баҳисобгирии мақомоти ҳудудии андоз гузошта мешаванд.

Дар асоси талаботи қисми 16 моддаи 25 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми барҳамдиҳии шахсоне, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул нагардида, бақайдгирии давлатиашон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” пешбинӣ нагардидааст, маълумот оид ба қатъ намудани фаъолият аз ҷониби мақомоти дахлдори ҳудудии андоз **тибқи аризаи андозсупоранда** ба Феҳристи ягонаи давлатии андозсупорандагон ворид карда мешавад.

Намунаи ариза бо Фармоиши Кумитаи андоз аз 31.12.12, №391 тасдиқ гардида, дар қисмати “Ба андозсупорандагон”-и сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир карда шудааст.

Иҷрои ӯҳдадориҳои андозии ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (ғайритиҷоратӣ) намояндагиҳои дипломатию консулӣ ва намояндагиҳои ба онҳо баробаркардашуда, ташкилотҳои байналмилалӣ ва байниҳукуматӣ, ки фаъолияташро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ менамояд тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 60 Кодекси андоз ба роҳ монда мешавад. Қисми 3 ҳамин модда муқаррар намудааст, ки ҳисоботи андози барҳамдиҳӣ барои чунин ташкилотҳо аз рӯи намудҳои андозҳое тартиб дода мешавад, ки шахси барҳамдодашаванда супорандаи онҳо мебошад.

Бинобар ин, ҳангоми қатъ намудани фаъолият чунин ташкилотҳо дар баробари ариза оид ба қатъ намудани фаъолият, ба мақомоти андози маҳалли қайди худ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:

1) нусхаи эълон дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ, ки дар яке аз воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ нашр гардидааст (ба истиснои намояндагиҳои дипломатӣ ва дигар ташкилотҳои ба онҳо баробаркардашуда);

2) санади муқоисавӣ бо мақомоти андоз аз рӯи андозҳое, ки субъекти хоҷагидор супорандаи он мебошад;

3) ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда оид ба супоридани мӯҳрҳо (тамғаҳо) ва баста шудани ҳисобҳои бонкӣ (ба истиснои намояндагиҳои дипломатӣ ва дигар ташкилотҳои ба онҳо баробаркардашуда).

Пас аз тартиб додани санади хотимавӣ ва ба мақомоти андози маҳалли қайд баргардонидани Шаҳодатнома дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда, фаъолияти чунин ташкилотҳо қатъгардида ҳисобида мешавад.

Мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки дар муҳлати на зиёд аз 10 рӯз пас аз пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои дар боло зикргардида, барҳамдиҳии фаъолияти чунин андозсупорандагонро анҷом диҳанд.

Раис Н. Давлатов